ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР

ВБР 619:576.8 (575.34)
ТКБ 487+ 28. 083 (2 тоҷик)
А-14

Бо ҳуқуқи дастнавис

АБДУРАҲИМОВ САЪДИ ДАВЛАТАЛИЕВИЧ

ТАРҲРЕЗИИ УСУЛҲОИ МУОЛИҶА ВА ПЕШГИРИИ ПИРОПЛАЗМИДОЗҲОИ ЧОРВОИ КАЛОНИ ШОХДОР ДАР ТОҶИКИСТОНИ ҶАНУБӢ

АВТОРЕФЕРАТИ
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои ветеринарӣ

аз рӯи ихтисоси 4.3.6. Паразитология

ДУШАНБЕ – 2026

Тадқиқот дар кафедраи фармакология ва паразитологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур иҷро карда шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Сахимов Маҳмадамин Раҷабович** - доктори илмҳои ветеринарӣ, профессори кафедраи фармакология ва паразитологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Муқарризони расмӣ: **Каримов Сайфуддин Сайтоҷович** - доктори илмҳои тиб, директори Маркази таҳсилоти баъдидипломии муассисаи таълимии ғайридавлатии Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон;

Камолов Насимҷон Шарифбоевич – номзади илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи технологияи маҳсулоти хӯрокаи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Ҳимояи диссертатсия санаи «23» октябри соли 2026, соати 10:00 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-039 дар назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Нишонӣ: 734005, ш. Душанбе, кӯчаи Қаҳҳоров, 43; тел. (+992) 372-27-51-92; e-mail: iveterinari@mail.ru

Бо рисола ва автореферат дар китобхонаи Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, дар сомонаи интернетии www.instveterinari.tj, дар сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» _____ соли 2026 фиристода шудааст.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ветеринарӣ Ҳасанов Ф. Д.

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи тадқиқот. Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати аграрӣ буда, яке аз соҳаҳои муҳими кишоварзии он чорвопарварӣ мебошад. Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти чорво (гӯшту шир) аз зиёд шудани саршумори чорво ва баланд бардоштани маҳсулнокии он вобастагии зиёд дорад.

Яке аз тадбирҳои муҳими баланд бардоштани маҳсулнокии чорво мубориза бар зидди бемориҳои паразитӣ мебошад, ки дар байни онҳо пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор - бемориҳое, ки сабаби ақибмонӣ дар инкишоф ва фавти оммавии ҷавонаҳо, забҳи маҷбурӣ, харҷи зиёди маводи табобатию пешгирикунанда, пастшавии маҳсулот ва ғайра гашта, зарари калони иқтисодӣ ба хоҷагиҳои чорвопарварӣ мерасонанд.

Оид ба ин мушкилот Э.Т.Бадалов қайд менамояд: «Барои рушди соҳаи чорводорӣ монеаи зиёдро пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор (тейлериоз, пироплазмоз, бабезиози ҷанубӣ) ба амал меоранд. Ҳангоми ин бемориҳо, хусусан тейлериоз дараҷаи хеле баланди касалшавӣ ва талафоти чорвои калони шохдор мушоҳида гардида, хоҷагиҳои чорвопарварӣ аз пастшавии маҳсулнокӣ ва гирифтани насли хеле кам зарар мебинанд, инчунин барои муолиҷаи бемориҳои мазкур ва барқароршавии организми ҳайвонот сарфи зиёд менамоянд» [4, с.1-2].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор зиёд мушоҳида мегарданд, ки дар минтақаҳо ва экосистемаҳои гуногун (ба истиснои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон) ба қайд гирифта шудаанд.

Тадқиқотҳо оид ба омӯзиши пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор, асосан дар замони Шуравӣ гузаронида шуда, маводи табобатию пешгирикунанда на он қадар самаранокии баланд нишон додаанд, аммо баъди мустақилияти мамлакатамон маводи зиддипаразитию зиддимикробии зиёди самаранокии баланд ва таъсири васеъдошта аз ҷониби ширкатҳои бонуфузи Федератсияи Россия, Украина, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҳиндустон ва як қатор кишварҳои Аврупо ворид карда шуданд, ки дар ниҳоят муолиҷаи на танҳо бемороиҳои паразитӣ, инчунин сироятию ғайрисироятӣ хеле осон гардид.

Самаранокии маводи муосир ҳангоми бармаҳал гузаронидани чораҳои пешгирию муолиҷаи ҳайвонот, дар аксар ҳолатҳо 100%-ро ташкил медиҳад.

Чунончи А.Ғ.Ғафуров қайд менамояд: «Ҳангоми пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор маводи зиддипротозойии диамидин, имизол, бупарвакон, буталекс, хинин дигидрохлорид якҷо бо маводи зиддибактериявӣ, симптоматикӣ ва патогенетикӣ дорои самаранокии муолиҷавии баланд мебошанд» [8, с.12-21].

Аз рӯйи маълумоти Н.Ш.Камолов бармеояд: «Истифодаи маводи доруворию диоксиветин, разомитсин, аламитсин, нитокс-200, фортикарб ҳангоми анаплазмоз, пироплазмоз ва инвазияи омехтаи онҳо дар шароити Тоҷикистони Шимолӣ самаранокии баланди муолиҷавӣ нишон медиҳанд» [11, с.15-22].

Инчунин Н.А.Аҳмадов тавсия медиҳад: «Дар шароити ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳангоми пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор маводи доруворию верибен, имидосан ва окситетрасиклин-200 истифода шаванд, ки дорои самаранокии баланди табобатӣ мебошанд» [3, с.18-22].

Аз ин хотир ҷустуҷӯ, муайянкунӣ ва тавсияи маводи зиддипаразитии самаранокии баланд ва таъсири васеъдошта масъалаи ниҳоят мубрам ва саривақтии аз ҷиҳати назарявӣ ва амалӣ аҳаммияти бузургдоштаи соҳаи паразитология ва ҳалли он яке аз вазифаҳои кафедраи фармакология ва паразитологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Хулоса барои пешгирӣ аз бадшавии вазъи эпизоотӣ нисбат ба пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор, солим нигоҳ доштан ва зиёд кардани маҳсулнокии чорво, омӯзиши ҳамаҷонибаи паҳлуҳои гуногуни мавзуъ: эпизоотология, ташхис, ташхиси

тафриқавӣ, такмили усулҳои пешгирикунанда, табобат ва чорабиниҳои маҷмӯавии мубориза бо бемориҳои зикргардида, бо истифода аз маводи зиддипаразитии самаранокии баланддошта, бо дарназардошти ҳамаи марҳилаҳои давраи инкишофи барангезандагон ва интиқолдиҳандагони онҳо, яке аз масъалаҳои мубрами паразитологияи муосир маҳсуб меёбад.

Дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш. Фаунаи паразитҳои хуни ҳайвоноти кишоварзӣ ва интиқолдиҳандагони онҳо, чораҳои пешгирию табобат ва мубориза бо онҳо солҳои пеш аз ҷониби як зумра олимони ватанӣ омӯхта шудаанд [1, с.6-7; 2, с. 76; 5, с.21-26; 6, с.21-24; 7, с.121-130; 9, с.7-17; 10, с.171-174; 12, с.46-48; 13, с.69-120; 14, с.17-19; 15, с.3-15; 16, с.31-32; 20, с.202-203; 24, с.208-211; 25, с.49-80], вале ҷанбаҳои гуногуни мавзуи мазкур, аз ҷумла пешгирӣ, табобаб ва роҳҳои мубориза бо истифода аз маводи дорои самаранокии баланди муосир дар айни замон мушаххас омӯхта нашудаанд.

Аз ҷумла Б.В.Лототкий чунин ибрози намудааст: «Аввалин тадқиқотҳои паразитологӣ оид ба омӯзиши намудҳо, морфология, биология ва экологияи канаҳои иксодӣ-интиқолдиҳандагон, хусусиятҳои эпизоотологӣ, ташхис, пешгирӣ, муолиҷа ва чораҳои мубориза бо пироплазмидозҳои чорвои кишоварзӣ ва ҳамчунин роҳҳои аз байн бурдани онҳо дар шароити Тоҷикистон баъди даҳсолаи дуюми қарни гузашта оғоз гардиданд» [15, с.4-15].

М.В.Крилов хабар додааст: «Барои муайян намудани систематикаи наздики тейлерияҳои чорвои калони шохдор ва тейлерияҳои гавазни туғайзор, ки қаблан шарҳ дода шуда буд, таҷрибаҳо доир ба сирояткунии дутарафаи ҳарду намуди ҳайвонот гузаронида шуд, ки сироятёбии онҳо ба амал наомад» [12, с.46-48].

Тибқи тадқиқоти В.И.Ермошкевич маълум гардид: «Дар Тоҷикистони Ҷанубӣ дар бадани ҳайвоноти кишоварзӣ 8 намуди канаҳои иксодӣ дарёфт шудааст. Канаҳои бартаридошта ба *B.calcaratus* (84.3%) ва намояндагони авлоди *Hyalomma* (9.5%) тааллуқ доштанд» [10, с. 171-174].

Е.А.Муратов иброз намудааст: «Ҳангоми таҳқиқоти хуни чорвои калони шохдор *P.bigeminum, Fr.colchica ва Th.anullata* ошкор гардид. Аксар вақт онҳо дар шакли паразитосеноз (пироплазма + франсаиелла, пироплазма + тейлерия, пироплазма + франсаиелла + тейлерия) муайян карда шуданд» [16, с.110-112].

Тадқиқоти Э.Т.Бадалов нишон дод: «Дар Тоҷикистон минтақаҳои мусоид, таҳдидкунанда ва номусоид нисбат ба тейлериози чорвои калони шохдор мавҷуд аст. Дар минтақаҳои номусоид манбаҳои энзоотӣ, эпизоотӣ ва ноайён вомехӯранд» [4, с.30-31].

Ба андешаи Р.Х.Нораев: «Чораҳои пешгирӣ ва табобати тейлериози чорвои калони шохдор на ҳама вақт ва дар на ҳама мавзеъ натиҷаҳои дилхоҳ медиҳанд, чунки шароитҳои табиию иқлимӣ ва хоҷагидорӣ ҳолати эпизоотии бемориро муайян менамоянд, ки дар ҳар як минтақа, ноҳия ва ҳатто дар хоҷагии алоҳида гуногун аст. Ғайр аз ин ба хуруҷи тейлериоз норасоии маводи акарисидӣ ва муолиҷавӣ, инчунин нархи хеле баланди онҳо, инчунин тағйирёбии шароитҳои ландшафтии маҳал таъсири муҳим мерасонад» [18, с.3].

Аз нуқтаи назари М.Р.Сахимов: «Андешидани як қатор чорабиниҳои обёрикунанда ва агротехникӣ, аз ҷумла ободкунӣ ва обёрии заминҳои навкорам барои пахтакорӣ ва кишти дигар зироатҳои кишоварзӣ, ҷуфткунии туғайзорҳо дар минтақаҳои зиёди ҷумҳурӣ шароити экологиро барои канаҳои иксодӣ – интиқолдиҳандагони пироплазмидозҳои ҳайвонот тағйир медиҳад, вобаста ба ҳамин вазъи эпизоотӣ дигаргун шудааст» [23, с.3].

Робитаи тадқиқот бо барномаҳои (лоиҳаҳои) мавзуъҳои илмӣ. Рисолаи мазкур дар кафедраи фармакология ва паразитологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур дар доираи мавзуи «Тарҳрезии усулҳои самараноки мубориза бо паразитозҳои ҳайвонот вобаста аз ҳолати эпизоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2021-2025 мустақилона анҷом дода шудааст.

Тадқиқот дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020, №386 «Барномаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024» иҷро гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАДҚИҚОТ

Мақсади тадқиқот. Мақсади тадқиқот омӯзиши эпизоотология, табобат, пешгирӣ ва таҳияи системаи чораҳои мубориза бо пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар минтақаҳо ва экосистемаҳои гуногуни Тоҷикистони Ҷанубӣ маънидод карда мешавад.

Вазифаҳои тадқиқот:

- муайян намудани ҳавзаҳои паҳншавии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Ҷанубӣ, маълумгардонии ангезандагони бемориҳои мазкур ва намуди канаҳои иксодӣ - интиқолдиҳандагони онҳо;
- интихоб ва истифодабарии инсектоакарисидҳои нав дар иншоотҳои чорводорӣ, омузиши хусусиятхои асосӣ ва маълум сохтани самаранокии истифодабарии онҳо хангоми гузаронидани дезинсексия ва дезакаризатсия;
- омӯзиши хосиятҳои реактогенӣ ва иммуногении ваксинаи штамми S-15 ҳангоми санҷиши экспериментalии он;
- коркарди усулҳои самараноки муолиҷаи пироплазимидозҳои чорвои калони шохдор бо истифода аз маводи муосири доруворӣ;
- таҳияи дастуру тавсияномаҳо доир ба муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор.

Объекти тадқиқот: чорвои калони шохдор, гӯсфанд, буз, асп, чарогоҳ, хоҷагиҳои чорводорӣ.

Мавзуи (предмети) тадқиқот. Омӯзиши фаунаи пироплазмидаҳои чорвои калони шохдор дар минтақаҳо ва экосистемаҳои гуногуни Тоҷикистони Ҷанубӣ вобаста ба синну сол, зот ва фаслҳои сол. Муайян намудани фаунаи канаҳои иксодӣ - интиқолдиҳандагони пироплазмидаҳои чорвои калони шохдор дар шароити Тоҷикистони Ҷанубӣ, инчунин омӯзиши самаранокии маводи инсектоакарисидии муосир ҳангоми каназании чорво. Ҷустуҷӯ ва муайян кардани маводи зиддипротозойии дорои самаранокии баланд ва таҳияи системаи тадбирҳои пешгирию муолиҷа ва мубориза бо пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар шароити истеҳсолӣ. Самти тадқиқот ба шиносномаи ихтисоси 4. 3. 6. Паразитология ба пуррагӣ мувофиқат менамояд.

Навгонии илмӣ. Баъд аз чандин даҳсолаҳо дар шароити Тоҷикистони Ҷанубӣ фауна ва паҳншавии пироплазмидаҳои чорвои калони шохдор дар минтақаҳо ва экосистемаҳои гуногун ба таври муфассал таҳти омӯзиш қарор гирифтанд;

Дараҷаи сироятёбии чорвои калони шохдор аз пироплазмидаҳо вобаста ба синну сол ва зоти чорво, инчунин моно- ва инвазияи омехтаи ин паразитҳо ошкор карда шуд;

Бори аввал ба таври расмӣ самаранокии ваксинаи заифкардашудаи истеҳсоли ширкати дорусозии «Дорса Парс Тус»-и Эрон, ки аз штамми S_{15}-и *Theileria annulata* таркиб ёфтааст, дар шароити экспериментalӣ бо риояи талаботҳои меъёрӣ муайян карда шуд, ки он 100%-ро ташкил менамояд.

Самаранокии якчанд маводи зиддипротзойии муосир дар ҷанбаи муқоисавӣ ҳангоми сироятёбии алоҳида ва омехтаи пироплазмидаҳо ба таври расмӣ муайян карда шуда, нақшаи такмилёфтаи пешгирӣ, муолиҷа ва системаи тадбирҳои пешгирию мубориза бо пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор таҳия карда шуд.

Фаунаи муосири канаҳои иксодӣ-интиқолдиҳандагони пироплазмидаҳои чорвои калони шохдор дар шароити Тоҷикистони Ҷанубӣ муфассал омӯхта шуда, инчунин самаранокии якчанд маводи инсектоакарисидии муосир ҳангоми каназании чорво муайян карда шуд.

Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии тадқиқот. Вобаста аз омӯзиши дақиқи эпизоотологияи пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар шароити Тоҷикистони Ҷанубӣ ва дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда «Тавсияҳо оид ба муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор» таҳия карда шуд, ки онро Шурои илмию техникии Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2024, протоколи №8 тасдиқ кардааст.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

- намудҳо ва дараҷаи паҳншавии пироплазмидаҳои чорвои калони шохдор дар минтақаҳо ва экосистемаҳои гуногун вобаста ба синну сол ва зот, инчунин моно- ва инвазияҳои омехтаи онҳо омӯхта шуд;
- фаунаи канаҳои иксодӣ - интиқолдиҳандагони пироплазмидаҳои чорвои калони шохдор дар шароити Тоҷикистони Ҷанубӣ муайян карда шуд;
- усулҳои табобат, пешгирӣ ва мубориза бо пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор тарҳрезӣ шуд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия. Онро миқдори зиёди маводи тадқиқшуда, натиҷаи таҷрибаҳои гузаронидашуда, коркарди омории маълумоти бадастовардашуда ва маводи нашргардида тасдиқ мекунанд, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Хулоса ва пешниҳодҳои амалӣ аз таҳлили ҳамаҷонибаи илмии натиҷаҳои тадқиқот таркиб ёфтаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Соҳаи омӯзиш ба бандҳои 3.3 - таснифоти муфтхӯрон, барангезандаҳои бемориҳои паразитии ҳайвонот ва одам; 3.13 - зуҳуроти клиникӣ, усулҳои ташхис, табобат ва пешгирии бемориҳои инвазионӣ; 3.14 - тадбирҳои умумӣ ва махсус оид ба пешгирӣ ва рафъи бемориҳои инвазионӣ, системаи пешгирии зоонозҳо ва антропозоонозҳои паразитӣ ва 3.15 - таҳияи воситаҳо ва усулҳои дезинвазия, дезинсексия ва дезакаризатсияи шиносномаи номгузории ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла байторӣ:аз рӯи ихтисоси 4.3.6. Паразитология мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар тадқиқот. Унвончӯ маводи илмии тадқиқшавандаро мустақилона ҷамъоварӣ карда, зимни муайян намудани намудҳо, нишондодҳои сироятёбии чорвои калони шохдор аз пироплазмидозҳо вобаста ба синну сол ва зот, моно- ва полисироятёбӣ дар шароити Тоҷикистони Ҷанубӣ тавсияҳои амалӣ ва таҳияи «Тавсияҳо оид ба муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор» ба кор бурдааст.

Татбиқи натиҷаҳои тадқиқот. Натиҷаҳои тадқиқоти бадастомада оид ба пироплазмидозҳои чорвои калон шохдор дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони Ҷанубӣ дар аксарияти маводи нашршуда ба табъ расидаанд. Натиҷаҳои тадқиқоти хусусӣ оид ба ташхис, табобат ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар раванди таълим ҳангоми дарсҳо аз фанҳои эпизоотологияи умумӣ, асосҳои бехдошти ветеринарӣ ва паразитологияи ветеринарӣ дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур истифода мешаванд. Натиҷаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар маҷмӯаҳои конференсияву семинарҳои ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ интишор гардидаанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Аз натиҷаҳои тадқиқот оид ба мавзуи диссертатсия ҳамасола дар ҷаласаҳои Шурои олимони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (солҳои 2021-2024), дар конференсияи байналмилалии *илмию амалии* дар мавзуи «Мутобиқгардонии соҳаи кишоварзӣ ба ивазшавии иқлим: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он», бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 90-солагии таъсисёбии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба ба номи Ш.Шоҳтемур (ш. Душанбе, 22 октябри соли 2021), дар

конференсияи илмию амалии «Чораҳои мубориза бар зидди бемориҳои сироятию инвазионии чорвои кишоварзӣ» (ш. Душанбе, 30 октябри соли 2024), дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Нақши маводи ташхисӣ, табобатӣ ва пешгирикунанда дар низоми бехатарӣ ва амнияти биологӣ» (ш. Душанбе 23 ноябри соли 2024) ва дар конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Дастовардҳои инноватсионии олимони соҳаи чорводорӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ» бахшида ба 110-солагии академик Ғ.А.Алиев (ш.Душанбе, 20 декабри соли 2025) гузориш дода шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Доир ба мавзуи рисолаи мазкур 6 мақола ва фишурдаҳои илмӣ таҳия гардида, аз он 3-тояш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда, нашр гардидаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Рисола дар ҳаҷми 154 саҳифаи таҳия шуда, аз муқаддима, шарҳи адабиёт, хусусиятҳои табиию иқлимии мавзеи тадқиқот, мавод ва усулҳои тадқиқот, 13 бахши тадқиқоти хусусӣ, баррасии натиҷаҳои бадастомада, хулоса, пешниҳодҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт, аз ҷумла 272 сарчашмаҳои илмӣ, ки аз он 61 адад манбаъҳои хориҷӣ мебошанд, иборат аст. Рисолаи мазкур бо 11 ҷадвал ва 3 расми ба мавзуъ мувофиқ бо сабту услуби хос зебу зиннат дода шудааст.

МУҲТАВОИ АСОСИИ ТАДҚИҚОТ

Мавод ва усулҳои тадқиқот. Корҳои илмию тадқиқотӣ барои таҳияи рисола дар тӯли солҳои 2021-2025 дар кафедраи фармаколоогия ва паразитологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дар доираи мавзуи «Тарҳрезии усулҳои самараноки мубориза бо паразитозҳои ҳайвонот вобаста аз ҳолати эпизоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2021-2025 иҷро гардида, қисмати таҷрибавии он дар хоҷагиҳои давлатию хусусии минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони Ҷанубӣ (водиҳо, доманакӯҳҳо, пасткӯҳҳо, миёнакӯҳҳо) амалӣ гардидааст.

Ҳолати эпизоотӣ нибат ба пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони Ҷанубӣ дар ҳудуди ноҳияҳои зерин: Данғара, Восеъ, Фархор, Вахш, Ҳамадонӣ, Панҷ Ҷ.Балхӣ, Кӯшониён, Хуросон, Шаҳритус, Кӯлоб, Темурмалик, Ховалинг дар асоси таҳлили маълумоти тадқиқоти хусусии бадастомада ва маълумоти омории Марказҳои таъминоти бехатарии озуқавории ноҳияҳои зикргардида, ки зертобеи Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, баҳогузорӣ ва муайян карда шуд.

Дар маҷмӯъ 986 сар чорвои калони шохдор, 132 сар чорвои хурди шохдор, 18 сар аспи ҷинсу синну соли гуногун, ки ҳамчун объекти асосии тадқиқот ҳисоб мешуданд, аз муонаи сарирӣ гузаронида шуда, аз онҳо ҳангоми мавҷудияти каназанӣ 1678 адад кана ҷамъоварӣ карда шуданд.

Барои муайянкунии дараҷаи каназании биноҳои нигоҳдории чорво 16 оғилхона муоина карда шуда, дар 8 адади онҳо канаҳои иксодӣ дарёфт ва бо истифода аз маводи инсектоакарисидии муосир коркард карда шуданд. Ҳамзамон самаранокии маводи инсектоакарисидӣ дар шароити истеҳсолӣ муайян карда шуд.

Барои муайян намудани намудҳои пироплазмидаҳо тадқиқи ҳамаҷонибаи дараҷаи сироятёбии чорвои калони шохдор вобаста аз ҷанбаи синнусолӣ маводи сершумори илмӣ ҷамъоварӣ карда шуд. Вобаста аз ҷанбаи синнусолӣ чорворо ба се гурӯҳи аз ҷиҳати илмӣ аҳаммияти назариявию амалидошта: ҷавонаҳои то 1 сола, чорвои аз 1 то 5 сола ва чорвои калонсоли аз 5 сола боло тақсим намудем.

Ҷамъоварии маводи илмӣ (молишакҳои хуни канорӣ ва узвҳои дохилӣ - испурч, ҷигар, дил ва гиреҳҳои лимфавӣ) барои тадқиқи сироятёбии чорво аз паразитҳои хун дар тамоми мавсимҳои сол (ба истиснои фасли зимистон) амалӣ карда шуда, таҳлили ҳамаҷонибаи маводи гирдовардашуда дар озмоишгоҳи кафедраи фармакология ва паразитологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур гузаронида шуд.

Ҳамчунин дар рафти тадқиқот таҳти назорати доктори илмҳои ветеринарӣ, профессор Сахимов М.Р. аксуламали пайвастшавии дарозмуддати комплемент бо усули Институти умумироссиягии экспериментолии ветеринарӣ истифода карда шуд [17, с.1-3].

Ҷамъоварии доимии канаҳо дар ноҳияҳои нисбат ба пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор номусоид ва бо мақсади пурратар тадқиқ кардани миқёси паҳншавии канаҳо дар дигар қитъаҳо низ амалӣ карда шуд. Канаҳо асосан аз чорвои калони шохдор, баъзан аз гӯсфанду буз ва асп ҷамъоварӣ карда шуданд. Ғайр аз ин, ҳавлиҳои нигоҳдории чорво, майдончаҳои сайру гашт, мавзеъҳои чорвоғундорӣ ва истироҳати рӯзонаи ҳайвонот барои муайян намудани мавҷудияти канаҳо муоина карда шуд.

Барои муқаррар намудани намудҳо, миқдор ва ҷараёни муфтхӯрии мавсимии канаҳои интиқолдиҳанда шуруъ намуда, аз моҳи апрел то ноябр, ҳар даҳ рӯз аз 15-25 сар ҳайвонот ва дар моҳҳои боқимонда (декабр-феврал) ду маротиба муоина карда шуд. Ҳангоми ҳар як ҷамоварии канаҳо таърихи рӯз, намуд, шумора ва марҳилаҳои инкишофи онҳо сапт карда шуд. Ҳангоми баҳисобгирӣ, бақайдгирӣ ва муайян кардани намуди канаҳо усулҳои муҳақиққони варзидаи соҳавӣ ба мисли Е.Н.Павловский, Б.В.Лототский, Б.И.Померантсев, Н.А.Филиппова ва О.А.Старков [21, с.69-120; 13, с.25-32; 22, с.453-456; 26, с.165-179; 25, с.49-80] истифода карда шуданд.

Барои пешгирии махсуси тейлериози чорвои калони шохдор ваксинаи штамми S_{15}-и Эрон дар таҷрибаҳои сершумор таҳти таҷриба қарор дода шуда, самаранокии иммуногении он дар хоҷагиҳои хусусии ноҳияи Фархор дақиқ муайян гардид. Ваксинаи мазкур бо меъёри 1,0 мл ба зери пӯсти сеяки гардани чорво фиристода шуд.

Барои муолиҷаи чорвои гирифтори тейлериоз (*Theileria annulata*) ва бабезиозҳо (*Babesia bigemina*, *Babesia colchica*) маводи зиддипротозойии зерин истифода карда шуданд:

Бутачем-50 - маводи зиддипротозойии истеҳсоли ширкати дорусозии “Interchemie”-и кишвари Ҳоланд мебошад. Дору дар зарфҳои шишагини ҳаҷмашон 50 мл бастабандӣ шуда, мувофиқи дастурамали истифодабарӣ 1,0 мл маҳлулро дар 20 кг вазни зиндаи чорво истифода намудем. Таркиби онро ҳамчун маводи таъсирбахш бупарвакон - 50 мг дар 1,0 мл ташкил менамояд;

Трипанол плюс – мавод барои муолиҷаи касалиҳои паразитии хуни ҳайвонот ба шумор рафта, истеҳсоли ширкати дорусозии “Hebei kexing pharmaceutical”-и Ҷумҳурии Мардумии Чин мебошад. Маводи мазкур дар халтачаҳои полиэтиленӣ дар ҳаҷми 2,36 г бастабандӣ шуда, мувофиқи дастурамали истифодабарӣ онро дар 15 мл оби дистиллат омехта карда, бо меъёри 1 мл ба 20 кг вазни зиндаи чорво таъин намудем. Таркиби онро ҳамчун маводи асосии таъсирбахш диминатсен диатсетурат -1,05 г, витаминҳои B_6 – 5,0 мг, B_{12} – 1,0 мг ва ҳаҷми боқимондаашро антипирин ташкил менамоянд;

Бупарвекси 5% - маводи зиддипротозойии истеҳсоли ширкати дорусозии “Дорса Парс Тус”-и Эрон мебошад. Маводи мазкур дар шакли маҳлул дар зарфҳои шишагини ҳаҷмашон 50 мл бастабандӣ шуда, мувофиқи дастурамали истифодабарӣ 1,0 мл ба 20 кг вазни зиндаи чорво ба дохили мушак истифода гардид. Таркиби онро ҳамчун маводи асосии таъсирбахш бупарвакон - 50 мг дар 1,0 мл ташкил менамояд;

Бабезани-12% - маводи зиддипротозойии истеҳсоли ширкати дорусозии “Агроветзашита”-и Федератсияи Россия мебошад. Дар зарфҳои шишагини ҳаҷмашон 50 мл бастабандӣ шуда, мувофиқи дастурамали истифодабарӣ 1,0 мл маҳлул дар 50 кг вазни зиндаи чорво ба дохили мушак истифода гардид. Таркиби онро ҳамчун маводи таъсирбахш имидокарб дипропионат - 120 мг дар 1,0 мл ташкил менамояд;

Имкар-120 - маводи муолиҷавии зидди паразитҳои хунии чорво ба шумор рафта, истеҳсоли ширкати дорусозии “Бровафарма”-и Украина мебошад. Дар зарфҳои шишагини ҳаҷмашон 10 ва 50 мл бастабандӣ шуда, мувофиқи дастурамали истифодабарӣ 1,0 мл маҳлул ба 50 кг вазни зинда таъин гардид. Таркиби онро ҳамчун маводи асосии таъсирбахш имидокарб дипропионат - 120 мг дар 1,0 мл ташкил менамояд;

Неозидин М - маводи муолиҷавии зидди паразитҳои хунии чорво ба шумор рафта, истеҳсоли ширкати дорусозии “Нита-фарм”-и Федератсияи Россия мебошад. Дар зарфҳои шишагини ҳаҷмашон 20, 50 ва 100 мл бастабандӣ шуда, мувофиқи дастурамали истифодабарӣ 1,0 мл маҳлул ба 20 кг вазни зинда таъин карда шуд. Таркиби онро ҳамчун маводи асосии таъсирбахш диминатсен диатсетурат – 57,5 мг, антипирин (феназон) – 57,5 мг дар 1,0 мл ташкил менамояд.

Маводи дорувории зерини симптоматикӣ ва патогенетикӣ низ вобаста аз ҷараёни беморӣ таъин гардид: маҳлули 20%-и кофеин бензоат натрий бо меъёри 5-10 мл ба зери пӯст як маротиба дар як шабнарӯз; шароби чемеритса ба даҳон 10-15 мл як маротиба дар як шабонарӯз; шири хом 1-2 литр як маротиба дар як шабонарӯз; равғани кастор 250-600 мл; аспирин 20,0-50,0 ба даҳон; ҷӯшобаи зағир 0,5-2,5 л дар як шабонарӯз; маҳлулҳои 10%-и хлориди калтсий 100-150 мл, глюкозаи 5-40% -и 100-500 мл; кислотаи аскорбини 5% 10-30 мл; маҳлули физиологӣ - 250-1000 мл; маҳлули 10%-и гипертонии хлориди натрий ба ҳисоби 0,5 мл ба 1 кг вазни чорво; гемодез - 100-500 мл ба дохили венаи юғӣ; нитокс-200 бо вояи 1 мл ба 20 кг вазни зинда ба дохили мушак; пен-стреп 1 мл ба 25 кг вазни зинда ба дохили мушак; интровит аз 5 то 15 мл ба як сар ба дохили мушак; флунекс 2 мл ба 45 кг вазни зинда ба дохили мушак; лазикс ё фуросемид - 2-10 мл ба дохили мушак як маротиба дар 1 шабонарӯз.

Ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳои санҷишӣ дар шароити истеҳсолӣ чорвои таҳти тадқиқот қарордоштаро аз рӯйи принсипи аналогӣ интихоб карда шуд. Дар шароити истеҳсолӣ ҳангоми омӯзиши таъсири муолиҷавии маводи кимиёвӣ дар 44 сар чорвои калони шохдори синну сол ва вазни зиндаи якхела омӯхта шуд.

Дар маҷмӯъ ҳангоми таҷрибаҳои истеҳсолӣ оид ба санҷиши самаранокиии табобатии маводи кимиёвии зидди тейлериоз ва бабезиозҳо 79 сар чорвои синну сол, ҷинс ва зоти гуногун таҳти тадқиқот қарор гирифт.

Ҳангоми гузаронидани таҷрибахо муоинаи сарирӣ, муайянкунии вазни чорво, санҷиши ҳарорати бадан ва паразитемия ё раванди паразитӣ тадқиқ карда шуд. Ҳангоми паразитемияи баланд фоизи эритроситҳои сироятнок муайян карда шуд, шумораи эритроситҳои осебдида дар 100 майдони биниши микроскоп бо андозаи 10х90 ҳисоб карда шуд.

Маводи рақамии илмие, ки дар таҳияи рисола истифода шудааст, тавассути усулҳои И.Л.Ойвин, 1960; И.И.Яров, 1981 ва ҳамчунин бо охирин версияи барномаи компютерии *Microsoft Excel* аз коркарди оморӣ гузаронида шуд [19, с.76-85; 27, с.10-14].

НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТИ ХУСУСӢ

Фаунаи пироплазмидаҳои чорвои калони шохдор дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони Ҷанубӣ

Дар айни замон масъалаи ташхиси тафриқавии дақиқи барангезандагони пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор, махсусан тейлелиоз ва бабезиозҳо барои интихоби усулҳои самараноки муолиҷавӣ ва таҳияи чораҳои мубориза бо онҳо ҷанбаи ниҳоят мубрами илмӣ маънидод карда мешавад.

Мо ҳангоми таҳлили миқдори зиёди молишакҳои хуни канории чорвои калони шохдори ба пироплазмидозҳо гумонбар, фавтида ва ё маҷбуран забҳкардашуда дар ҳудуди Тоҷикистони Ҷанубӣ 3 намуди муфтхӯрҳои мавриди назар: *Theileria annulata* Dschunkowsky et Luhs, 1904; *Babesia* (*Piroplasma) bigemina* Smith et Kilborne, 1889; *Babesia (Francaiella) colchica* Jakimoff, 1927-ро дарёфт намудем, ки бо нишондиҳандаҳои гуногун паҳн гардидаанд.

Дар натиҷаи тадқиқот дар организми чорвои калони шохдор 3 намуди пироплазмидаҳо дарёфт карда шуд, ки ба типи содатаринҳо - Protozoa, Owen, 1858; зертипи Plasmodroma, Sprague 1965 emend. Issi et Schulman; синфи спорадорон - Sporozoa Levine, 1970; қатори Piroplasmida Starcovici, 1893; оилаи Theileriidae, du Toit, 1918; ҷинси *Theileria,* Dschunkowsky et Luhs, 1904; намудҳои *Theileria annulata*

Dschunkowsky et Luhs, 1904; оилаи Babesiidae Starcovici, 1893; ҷинси *Babesia* Starcovici, 1893; намудҳои *Babesia (Piroplasma) bigemina* Smith et Kilborne, 1889 ва *Babesia (Francaiella) colchica* Jakimoff, 1927 тааллуқ доранд.

Қайд кардан зарур аст, ки намудҳои ба қайд гирифташудаи пироплазмидаҳои чорвои калони шохдор (*Theileria annulata, Babesia bigemina, Babesia colchica*) дар шароити Тоҷикистони Ҷанубӣ бо нишондодҳои хеле баланди инвазияи экстенсивӣ ва инвазияи интенсивӣ дарёфт гардидаанд. Намуди бартаридошта дар байни онҳо ин *Theileria annulata* мебошад, ки дар ҳама минтақаҳо ва дар байни чорвои синну соли гуногун бо касалиоварии шадид мушоҳида мегардад (расми 1).

Сироятёбӣ аз *Theileria annulata* 74%-и чорвои беморро дар бар мегирад. Ҳолатҳои инвазияи омехта низ истисно набуда, ниҳоят кам ба қайд гирифта шуд, зеро солҳои охир истифодаи ваксинаи зидди тейлериози чорвои калони шохдори истеҳсоли ширкати дорусозии “Дорса Парс Тус”-и Эрон ва ҳамчунин истифодаи маводи акарисидию зиддипротозойӣ зиёд мушоҳида мегардад, ки омилҳои номбурда ба ҷараёни сироятёбӣ ва афзоишу инкишофи ҳам барангезандагон ва ҳам интиқолдиҳандагони онҳо таъсири маҳвкунанда доранд.


Ду намуди дигар: *Babesia bigemina* ва *Babesia colchica* намудҳои маъмулӣ мебошанд, аммо зарари иқтисодии онҳо низ кам нест. Бо сироятёбии 10-16%-и чорвои гумонбар, ҳолатҳои фавтидан аз ин бемориҳо кам шуда бошад ҳам, аммо то ҳол мушоҳида мегардад.

Сироятёбии чорвои калони шохдор аз пироплазмидаҳо дар минтақаҳои ҳамвори Тоҷикистони Ҷанубӣ

Дар минтақаҳои ҳамвори Тоҷикистони Ҷанубӣ нишондиҳандаҳои баландтарини сироятёбии чорвои калони шохдор аз пироплазмидаҳо бештар дар ноҳияҳои Шаҳритус, Фархор, Данғара, Кӯлоб, Кӯшониён, Ҳамадонӣ ба қайд гирифта шудааст. Дар ноҳияҳои зикргардида инвазияи экстенсивӣ (ИЭ)-и чорвои калони шохдор аз барангезандаи тейлериоз – *Th. annulata* аз 30,0 то 62,5% ва инвазияи интенсивӣ (ИИ) бошад, аз 3 то 21 ададро дар 100 майдони биниши микроскоп ташкил намуд. ИЭ аз *B.bigemina* ба истиснои ноҳияҳои Ҳамадонӣ ва Кӯшониён аз 7,1 то 16,6% ва ИИ аз 2 то 18 адад. ИЭ аз *B. colchica* ба истиснои шаҳри Кӯлоб аз 4,3 то 8,3% ва ИИ аз 2 то 12 адад аст. Дар ноҳияҳои боқимонда ба монанди: Хуросон Ҷ.Балхӣ, Восеъ, Вахш, Ховалинг сироятёбии аз *Th. annulata* бо ИЭ аз 23,5 то 29,1% ва ИИ аз 2 то 11 адад мебошад. ИЭ аз *B.bigemina* ба истиснои ноҳияҳои Ҳамадонӣ ва Кӯшониён аз 4,1 то 7,6% ва ИИ аз 2 то 8 адад мебошад. ИЭ аз *B. colchica* ба истиснои Вахш, Ҷ.Балхӣ, Хуросон аз 3,8 то 4,1% ва ИИ аз 2 то 11 ададро дар 100 майдони биниши микроскоп ташкил менамояд.

Сироятёбии чорвои калони шохдор аз пироплазмидаҳо дар минтақаҳои доманакӯҳи Тоҷикистони Ҷанубӣ

Дар минтақаҳои доманакӯҳӣ нишондиҳандаҳои баландтарини сироятёбӣ дар ноҳияҳои Шаҳритус, Фархор, Данғара, Восеъ ва Панҷ ба қайд гирифта шудааст. Дар ноҳияҳои мазкур ИЭ аз *Th. annulata* аз 50,0 то 65,7%, ИИ аз 3 то 27 ададро дар 100 майдони биниши микроскоп ташкил менамояд. ИЭ аз *B. bigemina* аз 14,2 то 21,0% ва ИИ 2-23 адад мебошад. ИЭ аз *B. colchica* ба истиснои шаҳри Кӯлоб аз 7,4 то 16,0% ва ИИ аз 3 то 18 адад аст. Дар ноҳияҳои боқимонанди Хуросон, Ҷ.Балхӣ, Вахш, Ҳамадонӣ, Кӯшониён, Темурмалик, Кӯлоб аз *Th. annulata* ИЭ аз 27,7 то 41,6% ва ИИ аз 3 то 19 адад мебошад. ИЭ аз *B.bigemina* ба истиснои ноҳияҳои Ҳамадонӣ ва Кӯшониён аз 7,6 то 13,7% ва ИИ аз 3 то 17 адад аст. ИЭ аз *B. colchica* ба истиснои ноҳияҳои Вахш, Ҷ.Балхӣ, Хуросон аз 5,5 то 9,5% ва инвазияи интенсивӣ (ИИ) аз 2 то 16 адад дар 100 майдони биниши заррабин ба қайд гирифта шуд.



Расми 1. - Гуногуннамудии пироплазмидаҳои чорвои калони шохдор, %/100 сар

Сироятёбии чорвои калони шохдор аз пироплазмидаҳо дар минтақаҳои пасткӯҳи Тоҷикистони Ҷанубӣ

Дар минтақаҳои пасткӯҳ нишондиҳандаҳои баландтарин сироятёбӣ дар ноҳияҳои Ҳамадонӣ, Вахш Фархор, Данғара, Панҷ, Кӯлоб ва Ховалинг ба қайд гирифта шудааст. ИЭ аз *Th. annulata* аз 21,4 то 41,6% ва ИИ бошад, аз 2 то 18 адад, ИЭ аз *B. bigemina* аз 6,4 то 14,2% ва ИИ аз 2 то 17 адад, ИЭ аз *B. colchica* ба истиснои шаҳри Кӯлоб аз 3,1 то 9,5% ва ИИ аз 2 то 16 адад, дар ноҳияҳои боқимонда - Хуросон, Ҷ.Балхӣ, Восеъ, Кӯшониён ва Шаҳритус, ИЭ аз *Th. annulata* бо ИЭ аз 10,3 то 18,5% ва ИИ аз 2 то 14 адад, ИЭ аз *B. bigemina* ба истиснои ноҳияҳои Ҳамадонӣ ва Кӯшониён аз 3,4 то 7,4% ва ИИ аз 2 то 10 адад, ИЭ аз *B. colchica* ба истиснои ноҳияҳои Вахш, Ҷ.Балхӣ, Хуросон аз 2,9 то 4,7% ва ИИ аз 4 то 11 ададро дар 100 майдони биниши микроскоп ташкил намуд.

Сироятёбии чорвои калони шохдор аз пироплазмидаҳо дар минтақаҳои миёнакӯҳи Тоҷикистони Ҷанубӣ

Дар минтақаҳои миёнакӯҳ нишондиҳандаҳои нисбатан баланди сироятёбӣ дар дар ноҳияҳои Вахш, Фархор, Данғара, Панҷ, Шаҳритус ба қайд гирифта шудааст, ки ИЭ-и чорвои калони шохдор аз *Th. annulata* аз 10,0 то 13,3% ва ИИ бошад, аз 2 то 8 адад, ИЭ аз *B. bigemina* ба истиснои ноҳияҳои Восеъ, Вахш аз 5,2 то 6,6% ва ИИ аз 5 то 8 адад, ИЭ аз *B. colchica* ба истиснои ноҳияҳои Восеъ, Фархор, Панҷ аз 3,3 то 6,2% ва ИИ аз 3 то 7 адад, дар ноҳияҳои боқимондаи Хуросон Ҷ.Балхӣ, Ҳамадонӣ, Кӯшониён,

Кӯлоб, Ховалинг, ИЭ аз *Th. annulata* аз 4,1 то 5,8% ва ИИ аз 2 то 6 адад, СЭ аз *B. bigemina* ба истиснои ноҳияҳои Ҳамадонӣ, Ҷ.Балхӣ, Кӯшониён, Хуросон аз 4,0 то 5,8% ва СИ аз 4 то 7 ададро дар 100 майдони биниши микроскоп ташкил медиҳад. *B.colchica* дар минтақаҳои миёнакӯҳи ноҳияҳои Ҳамадонӣ, Ҷ.Балхӣ, Хуросон, Кӯлоб ва Ховалинг ба қайд гирифта нашудааст.

Сироятёбии чорвои калони шохдор аз пироплазмидаҳо вобаста аз синну сол

Инвазияи экстенсивӣ (ИЭ)-и ҷавонаҳои то яксолаи чорвои калони шохдор аз *Theileria annulata* 32,0% ва инвазияи интенсивӣ (СИ) бошад, 5-21 адад, ИЭ аз *B. bigemina* 20,0% ва ИИ 2-17 адад, ИЭ *B. colchica* 12,0% ва ИИ 2-10 адад, ИЭ чорвои калони шохдори аз 1 то 5-сола аз *Th. annulata* 16,0% ва ИИ 2-15 адад, ИЭ аз *B. bigemina* 12,0% ва ИИ 2-12 адад, ИЭ аз *B. colchica* 8,0% ва ИИ 2-8 адад, ИЭ чорвои калони шохдори калонсоли аз 5- сола боло аз *Th. annulata* 12,0% ва ИИ 3-10 адад, ИЭ аз *B. bigemina* 8,0% ва ИИ 2-8 адад, ИЭ аз *B. colchica* 4,0% ва ИИ 4 адад паразитро дар 100 майдони биниши микроскоп ташкил менамояд.


Сироятёбии чорвои калони шохдор аз пироплазмидозҳо вобаста аз зот

Маълум гардид, ки на ҳамаи зотҳо нисбат ба пироплазмидозҳо ҳассосияти якхела доранд. Сирояти пасттарин дар байни чорвои калони шохдори зоти швитсии зебумонанд ба қайд гирифта шуд, ки он 3,12% ва инвазияи интенсивӣ бошад, 2-13 адад паразитро дар 100 майдони биниши микроскоп ташкил намуд. Инвазияи миёнаи эктенсивӣ дар байни чорвои зотҳои симментал, сиёҳало ва қазоқии сарсафед мушоҳида карда шуд, ки он аз 7,81 то 10,93% ва инвазияи интенсивӣ 2-31 адад муфтхӯрро дар 100 майдони биниши микроскоп дар бар гирифт. Зотҳои боқимонда ба монанди абердин-ангусс, қалмиқӣ, герефорд ва шароле ҳассосияти нисбатан баланд ҳангоми сироятёбӣ аз пиропазмидаҳо нишон доданд, ки инвазияи экстенсивӣ дар байни онҳо аз 12,5 то 21,87%-ро ташкил намуд. Инвазияи экстенсивӣ бошад, 2-32 адад паразитро дар 100 майдони биниши микроскоп дар бар мегирад.

Ҷараёни мавсимии сироятёбии чорвои калони шохдор аз пироплазмидаҳо

Инвазияи экстенсивӣ (ИЭ)-и чорвои калони шохдор дар фасли баҳор аз *Th. annulata* 10,0-30,0% ва инвазияи интенсивӣ (ИИ) 5-27 адад, ИЭ аз *B. bigemina* 5,0-15,0% ва ИИ 3-21 адад, ИЭ аз *B. colchica* 5,0% ва ИИ 2-13 адад, ИЭ чорвои калони шохдор дар фасли тобистон аз *Th. annulata* 20,0-50,0% ва ИИ 4-32 адад, ИЭ аз *B. bigemina* 10,0-25,0% ва ИИ 3-21 адад, ИЭ аз *B. colchica* 5,0-15,0% ва ИИ 3-16 адад, ИЭ чорвои калони шохдор дар фасли тирамоҳ аз *Th. annulata* 5,0-15,0% ва ИИ 4-21 адад, ИЭ аз *B. bigemina* 5,0-10,0% ва ИИ 3-17 адад, ИЭ аз *B. colchica* 5,0% ва ИИ 2-11 адад паразитро дар 100 майдони биниши микроскоп ташкил менамояд.

Дар фасли зимистон бо фарорасии сардии ҳаво аллакай дар охирҳои октябр ва оғози моҳи ноябр канаҳои иксодӣ - интиқолдиҳандагони пироплазмидаҳо нопадид мешаванд ва ин боис мегардад, ки сироятёбӣ қатъ шавад. Аз ин хотир дар мавсими зимистон сироятёбии чорво ба қайд гирифта намешавад.



Расми 2. - Сироятёбии чорвои калони шохдор аз пироплазмидаҳо вобаста аз фаслҳои сол/дар ҳар як моҳ 20 сар муоина карда шудааст

Сироятёбии омехтаи чорвои калони шохдор аз пироплазмидаҳо

Маълум гардид, ки аксари ҳолатҳои гирифторшавии чорво ба инвазияи омехта дар ноҳияҳои гармтарини Тоҷикистони Ҷанубӣ мушоҳида мегардад, ки зичии чорво низ дар онҳо нисбатан зиёд аст. Аз ҳама бештар падидаи номбурда дар ноҳияҳои Шаҳритус, Фархор, Данғара ва Вахш ба қайд гирифта шудааст. Дар ноҳияҳои номбурда сироятёбии омехта аз *Th. annulata+B. bigemina* (ИЭ) аз 4,4 то 6,1%-ро бо ИИ 5-27 адад, сироятёбии омехтаи *B. bigemina+B. colchica* дар ин ноҳияҳо (ИЭ) аз 1,1 то 5,1% бо ИИ 5-21 адад, сироятёбии гурӯҳии *B. bigemina+B. colchica* дар ин ноҳияҳо (ИЭ) аз 1,1 то 2,0% бо ИИ 5-23 адад дар 100 майдони биниши микроскопро дар бар мегирад. Мавқеи дуюмро ноҳияҳои Восеъ, Ҳамадонӣ, Панҷ, Хуросон ва Кӯлоб бо сироятёбии омехтаи *Th. annulata+B. bigemina* (ИЭ) аз 2,0 то 3,1% ва ИИ 3-25 адад, сироятёбии омехтаи *B. bigemina+B. colchica* танҳо дар ноҳияи Панҷ)– ИЭ 1,0%-ро дар бар гирифта, бо ИИ 4 адад, сироятёбии гурӯҳии *B. bigemina+B. colchica* дар ин ноҳияҳо ба қайд гирифта нашудааст. Дар ноҳияҳои Ховалинг, Кӯшониён ва Ҷ.Балхӣ мавқеи охиринро нисбат ба сироятёбии омехта ИЭ-1,0-1,1% ва ИИ-13-19 адад, сироятёбии омехтаи *Th. annulata+B. colchica* ва *B. bigemina+B. colchica* дар ин ноҳияҳо ба қайд гирифта нашудааст. Аз сабаби он, ки дар мавзуи тадқиқотии мо омӯзиши анаплазмози чорвои калони шохдор ворид нагардидааст, оид ба масъалаи мазкур маълумоти муфассал намедиҳем.

Муҳим ба ёдоварист, ки дар баъзе мавридҳо ҳангоми сироятёбии дар якҷоягӣ бо барангезандагони дар боло овардашуда (*Th. annulata, B. bigemina, B. colchica*) ҳамчунин *Anaplasma marginale* дар миқдори муайяни молишакҳои ҷамъоаришуда дарёфт гардид, ки он асосан дар бисёр ҳолатҳо бо *Th. annulata ва B. bigemina* ба қайд гирифта шудааст. Ҳолатҳои сироятёбии омехтаи чорво аз *A. marginale* ва *B. colchica* ниҳоят камшумор мебошад.


Фаунаи канаҳои сароилаи Ixodoidea – интиқолдиҳандагони пироплазмидаҳои чорвои калони шохдор

Зимни гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистони Ҷанубӣ 1678 адад канаҳои иксодӣ ҷамъоварӣ карда шуд. Барои ҷамъоварии канаҳо дар маҷмӯъ 986 сар чорвои калони шохдор, 132 сар гӯсфанду буз ва 18 сар асп сариран муоина карда шуданд.

Аз расми 3 чунин бармеояд, ки дар Тоҷикистони Ҷанубӣ аз бадани чорвои калони шохдор, гӯсфанд, буз ва асп 12 намуди канаҳои иксодӣ ва аргасӣ (*Alveonasus lahorensis*, *Rhipicephalus turanicus*, *Boophilus calcaratus*, *Dermacentor marginatus, Hyalomma anatolicum*, *H.asiaticum*, *H.detritum*, *H.dromedarii, H.plumbeum, H. scupense, Haemaphysalis sulcata, Haem.punctata*) муайян гардидаанд, ки баъзе аз онҳо бо нишондодҳои ниҳоят баланди сирояти экстенсивӣ ва интенсивӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Намудҳои зерин: *Hyalomma anatolicum* (571 адад - 34%), *Hyalomma asiaticum* (420 адад - 25%), *Alveonasus lahorensis* (252 адад - 15%) дар фаунаи канаҳои иксодӣ паҳншуда ба ҳисоб рафта, намудҳои бартаридоштаи онҳо дар ҳамаи ноҳияҳои таҳти тадқиқот қарордошта арзёбӣ карда мешаванд. Канаҳои бартаридошта 74%-ро ташкил менамоянд.

Намудҳои боқимонда: *Boophilus calcaratus* (138 адад - 8,2%), *Hyalomma detritum* (126 адад - 7,5%), *Rhipicephalus turanicus (*68 адад - 4,0%), *Hyalomma dromedarii* (42 адад - 2,5), *H. plumbeum* (24 адад - 0,9%), *H.scupense* (16 адад - 0,7%), *Haemaphysalis sulcata* (11 адад - 0,6%), *Haem. punctata* (9 адад - 0,5%) *Dermacentor marginatus* (7 адад - 0,4%)-ро ташкил медиҳанд. Маълум мегардад, ки 10 намуди дар охир овардашуда, дар якҷоягӣ 26%-и фаунаи канаҳои иксодиро дар Тоҷикистон Ҷанубӣ ташкил менамоянд.



Расми 3. - Гуногуннамудии канаҳои сароилаи Ixodoidea дар байни чорвои кишоварзӣ

Бояд ёдовар шуд, ки ҷойҳои муфтхӯрии марҳилаҳои фаъоли канаҳо дар бадани ҳайвонот инҳо буданд: ғадуди ширӣ (пистон), қисми қафои ғадуди ширӣ, сатҳи дарунии ронҳо, қафаси сина, тарқишҳои паҳлуӣ ва шонаҳо, мавзеҳои гардан ва пушт (*Boophilus, Rhipicephalus, Alveonasus*) ва канаҳои ҷинси *Hyalomma* ба ғайр аз ҷойҳои номбаршуда дар атрофи мақъад, дар ғилофаи узви ҷинсии наринаҳо ва изофагиҳои узвҳои таносули берунии модаговхо. Ҳамчунин шумораи зиёди нимфаҳои ин ҷинсро дар суфраҳои гӯшҳо ва решаи дум дарёфт намудем.

Муайян карда шуд, ки намудҳои зерин: *H. anatolicum, H. asiaticum, A. lahorensis* доираи хеле васеи паҳншавӣ доранд, ки дар ҳама ноҳияҳои таҳти тадқиқот қарордошта вомехӯранд. Илова бар ин, онҳо дар минтақаҳои камборишу лалмӣ ба миқдори зиёд паҳн шудаанд. Соҳибони асосии онҳо чорвои калони шохдор буда, камтар дар бадани асп ва гӯсфанду буз низ муфтхӯрӣ менамоянд. Канаҳои мазкур дар биноҳои қадимӣ, ки истифода намешаванд ва дар оғилхонаҳои хоҷагиҳои хусусӣ низ пайдо карда шуданд.

Канаҳои ҷинси *Hyalomma* дар пастхамиҳо ва минтақаҳои нимбиёбон паҳн шудаанд ва дар ин минтақаҳо дар бадани чорвои калони шохдор ба қайд гирифта мешаванд. Намуди канаҳои *B. calcaratus* асосан дар минтақаи пастхамиҳо, ки соҳилҳои дарёҳои Панч, Вахш, Қизилсу, Ёхсу, Тоҳирсу ва дигар ҷӯйҳою рӯдаҳои дар ноҳияҳои таҳти тадқиқот воқеъ гардида, паҳн гаштаанд, ки макони зисти онҳоро мавзеъҳои буттазору туғайҳо ва қамишзорҳо ташкил менамоянд.

Канаҳои ҷамъоваригардидаи мансуб ба ҷинси *Boophilus* аз мавзеъҳои зисти нишондодашудаи дар моҳҳои апрел-июн аз ноҳияҳои Фархор ва Панҷ дарёфт ва ба озмоишгоҳ дастрас карда шуданд. Канаҳои ҷинси *Boophilus* асосан аз моҳи апрел то октябр ба қайд гирифта шуданд.

Нимфаҳои канаҳои намуди *A.lahorensis* дар бадани ҳайвонот аз моҳи ноябр то март ва баъзан то апрел дарёфт карда шуданд. Миқдори зиёди канаҳои мазкур аз минтақаҳои доманакӯҳӣ ва пасткӯҳи ноҳияҳои Темурмалик, Данғара, Фархор ва Ховалинг ҷамъоварӣ карда шуданд. Ҳангоми тадқиқот дар бадани як сар чорво даҳҳо ва садҳо адад ва баъзан зиёда аз он ба қайд гирифта шуданд, ки чорвои ба чунин ҳолат дучоршуда дар ҳолати ногувор қарор гирифта буданд.

Канаҳои намуди *Rh. turanicus* асосан дар даштҳои обёришаванда, ки заминҳои кишту ҷамъоварии хӯроки чорво ҳисобида мешаванд, дар соҳилҳои дарёҳо ва баъзан дар минтақаҳои доманакӯҳӣ ба миқдори хеле кам дарёфт ва ҷамъоварӣ карда шуданд. Мавсими муфтхӯрии фардҳои болиғи канаҳои намуди *Rh. turanicus* дар бадани ҳайвонот танҳо дар фасли баҳор ва ҳодисаҳои ҷудогонаи мавҷудияти онҳо дар мавсими тобистон низ истисно набуда, ба миқдори хеле кам дарёфт гардидаанд.

Хотирасон бояд намуд, ки шумораи фардҳои болиғи наринаю модинаи канаҳои бартаридоша (*H.anatolicum, H. asiaticum*, *A. lahorensis*) дар бадани чорвои калони шохдор нобаробар муфтхӯрӣ менамоянд. Ҳамин тавр, шумораи канаҳои модинаи намуди *H.anatolicum* дар бадани чорво аз наринаҳо бештар мушоҳида карда шуда, ин падида дар тамоми мавсими муфтхӯрӣ мушоҳида мешавад. Ҳангоми муфтхӯрии намудҳои *H. asiaticum* ва *A. lahorensis* баръакс шумораи модинаҳо аз наринаҳо бештар мебошад.

Мавсими муфтхӯрии дигар намудҳои канаҳои ҷинси *Hyalomma* асосан моҳҳои май-сентябр ва муфтхӯрии кирмина ва нимфаҳо дар моҳҳои октябр-март мушоҳида мегардад.Марҳилаи болиғии канаҳои намуди *H. anatolicum* дар бадани чорво аз моҳи апрел то октябр ва баъзан то охири ноябр бо шумораи максималии онҳо дар моҳи июл ба қайд гирифта шуданд. Дар охири моҳи октябр миқдори канаҳои намуди мазкур дар бадани чорво ниҳоят кам шуда, дар моҳи ноябр онҳо танҳо дар як ё ду адад дарёфт карда шуданд.

Ҳамин тариқ муфтхӯрии канаҳои дарёфтгардида дар бадани чорво ба истиснои намуди *A.lahorensis* - канаи оғилхонагӣ дар мавсими тирамоҳу зимистон ,

дигар намудҳо асосан аз моҳи апрел шуруъ гардида, муфтхӯрии оммавӣ дар аввали фасли тобистон (июн-июл) ва дуюмин дар охири тобистон (июл-август) ба қайд гирифта мешавад. Ҷараёни мазкур то моҳи октябр ва баъзан то ноябр бо мавҷудияти ҳодисаҳои ҷудогона дар байни чорво мушоҳида мешавад.

Хулоса каназании чорво аз намудҳои гуногун якхела набуда, намудҳои *H.anatolicum, H. asiaticum*, *A. lahorensis* бо бартарии зиёд ба қайд гирифта мешаванд, ки ду намуди аввал нишондодашуда, асоси фаунаи канаҳои иксодиро дар бар гирифта, дар якҷоягӣ 59%-ро ташкил менамоянд. Ин ду намуд ҳамчун интиқолдиҳандагони асосии барангезандаи тейлериоз муайян карда шудаанд.

Дар фаунаи пироплазмидаҳо низ мавқеи асосиро барангезандаи тейлериоз - *Theileria annulata* бо мансубияти нисбатан зиёд (74%) муайян гардид, ки аз мавҷудияти канаҳои иксодии *H.anatolicum* ва *H. asiaticum* -интиқолдиҳандагони он вобаста мебошад.

Канаҳои намуди *B. calcaratus* дар фаунаи канаҳои иксодӣ ҳамагӣ 8,2%-ро ташкил менамояд ва ҳамчун интиқолдиҳандаи асосии барангезандагони бабезиозҳо - *Babesia bigemina* ва *Babesia colchica* муайян гардидааст. Намудҳои *Babesia bigemina* ва *Babesia colchica* низ дар фаунаи пироплазмидаҳо ҳамагӣ 26%-ро дар бар мегиранд, ки ин аз паҳншавии интиқолдиҳандаи онҳо вобаста мебошад.

Пешгирии махсуси тейлериози чорвои калони шохдор бо истифода аз ваксинаи штамми S_{15}

Ҷавонаҳои чорвои калони шохдори то синни яксола, ки таҳти гурӯҳи якуми таҷрибавӣ қарор доштанд, бо истифода аз ваксинаи зиддитейлериози истеҳсоли ширкати дорусозии “Дорса Парс Тус”-и Эрон, ки аз штамми S_{15}-и таркиб ёфтааст, эмгузронӣ карда шуда буданд, ки аксуламали ҷавобии гуногун нишон доданд. Дар 3 сар ҷавонаҳои таҳти ин гурӯҳ қарордошта, ҳолатҳои баландшавии ҳарорати умумии бадан (39,6-39,9°С) аз меъёри физиологӣ баланд дар шабонарӯзи 6-ум ба қайд гирифта шуд, ки аз аксуламали ҷавобии организми онҳо шаҳодат медиҳад. Аммо дар 4 сар ҷавонаҳои дигар баландшавии ҳарорати умумии бадан дар шабонарӯзи 7-ум мушоҳида карда шуд, ки он дар ҳудуди аз 40,0 то 40,6°С-ро дар бар гирифт. Баландшавии ҳарорат дар баъзе ҷавонаҳо агарчанде, на он қадар зиёд буд аз шабонарӯзи 6-ум то шабонарӯзҳои 14-16 ва баъзан ҳатто то шабонарӯзи 18-ум ҳам идома ёфт. Дар як қисми ҷавонаҳо баландшавии ҳрорати бадан аз шабонарӯзи 7-ум шуруъ гардида, дар шабонарӯзҳои 14-15-ум ва ҳатто то 20-ум давом кард.

Вале ҳолати умумӣ ва иштиҳои онҳо дар муддати тадқиқот хуб буд. Аз сабаби бори аввал эмгузаронӣ намудан, ҷавонаҳо ҳассосияти баланд нишон доданд ва баландшавии умумии ҳарорати бадан дар баъзеи онҳо тӯлонитар ба қайд гирифта шуд. Ҳангоми муоинаи молишакҳои хуни канории чорвои гурӯҳи 1-ум осебёбии эритроситҳо 0,01-0,03%-ро дар бар гирифт. Варамкунии ғадудҳои лимфавии сатҳӣ бараъло мушоҳида карда шуда, сафедшавии пардаҳои луобии ба чашм аён ва сустшавии иштиҳо ва бемадорӣ мушоҳида гардид.

Баландшавии ҳарорати умумии бадан дар чорвои дар гурӯҳи 2-юм қарордошта, ки синну солашон аз 1 то 5-соларо дар бар мегирифт, аксаран аз шабонарӯзи 7-ум, ба истиснои як сар, ки аз шабонарӯзи 9-ум ба қайд гирифта шуд.Дар чорвое, ки аз шабонарӯзи 7-ум баландшавии ҳарорати умумии бадан мушоҳида гардида буд то шабонарӯзи 16-ум идома ёфт. Танҳо дар як сар аз шабонарӯзи 9-ум то 17-ум давом кард. Чи тавре, ки маълум мегардад, ҳассосияти организм бо болоравии синну соли чорво тадриҷан паст мегардад, ки оид ба ин масъала дар сарчашмаҳои илмӣ маълумоти муфассал вуҷуд дорад.

Баландшавии ҳарорат дар чорвои таҳти гурӯҳи дуюм қарордошта, дар давоми тадқиқот аз 39,6 то 40,4°С-ро ташкил намуд. Ҳангоми муоинаи молишакҳои хуни канории чорвои гуруҳи 2-юм осебёбии эритроситҳо 0,01-0,02%-ро дар бар гирифт. Варамкунии ғадудҳои лимфавии сатҳӣ, сафедшавии пардаҳои луобии ба чашм аён ва

сустшавии иштиҳо нисбат ба гурӯҳи 1-ум камтар мушоҳида гардид. Бемадории умумӣ дар гурӯҳи мазкур он қадар аён набуд.

Баландшавии ҳарорати умумии бадан дар чорвои дар гурӯҳи 3-юм қарордошта, ки синну солашон аз 5-сола боло буд, асосан аз шабонарӯзи 10-ум ба истиснои як сар, ки аз шабонарӯзи 9-ум ба қайд гирифта шуд. Дар чорвое, ки аз шабонарӯзи 9-ум баландшавии ҳарорати умумии бадан мушоҳида гардида буд, то шабонарӯзи 18-ум давом намуд.

Вале дар дигар чорво аз шабонарӯзи 10-ум шуруъ гардида, то ба шабонарӯзи 17-ум тӯл кашид. Аз нишондодҳо муайян мегардад, ки ҳассосияти организми чорвои калонсол нисбат ба ҷавонаҳои то 5- сола нисбатан пасттар мебошад, зеро дар муқоиса бо ду гурӯҳи пешина организми онҳо дертар ба ваксина аксуламали ҷавобӣ нишон дод. Ҳамчунин ҳарорати умумии бадани онҳо низ ба мисли ду гурӯҳи пешина баланд (40,2°С) нашуд, ки ин гувоҳи ин гуфтаҳо мебошад.

Ҳангоми муоинаи молишакҳои хуни канории чорвои гуруҳи 3-юм осебёбии эритроситҳо 0,02-0,3%-ро ташкил намуд. Варамкунии ғадудҳои лимфавии сатҳӣ, сафедшавии пардаҳои луобии ба чашм аён ва сустшавии иштиҳо нисбат ба гурӯҳи 1-ум ва 2-юм тамоман кам ҳис карда шуд. Бемадории чорвои таҳти гурӯҳи мазкур қарордошта, ноаён буд.

Дар ин муддат ҳолати умумӣ, ҳарорати умумии бадан, ранги пардаҳои луобии намоён ва ҳаҷми ғадудҳои лимфавии сатҳии чорвои дар таҳти гурӯҳи 4-ум қарордошта, дар ҳолати меъёрӣ буд ва иштиҳои хуб доштанд. Ҳарорати бадани чорвои дар ин гурӯҳ буда, аз 37,6 то 39,4°С-ро ташкил намуд. Дар молишакҳои хуни канории чорвои ин гурӯҳ тейлерияҳо ва осебёбии эритроситҳо мушоҳида карда нашуд. Ҳамин тариқ баъди 35-ум шабонарӯзи эмгузаронӣ намунаҳои зардобаҳои хуни чорвои таҳти тадқиқот қарордоштаро ҷамъоварӣ намуда, бо аксуламали дарозмуддати пайвастшавии комплемент титри ҳамаи намунаҳо дар ҳудуди 1:80 ва як қисми онҳо 1:160-ро ташки намуд, ки ин аз аксуламали ҷавобии дар сатҳи баланди организми чорво ва пайдошавии масунияти барои муқовимат кифоякунанда хабар медиҳад. Махсусан дар намунаҳои зардобаҳои хуни ҷавонаҳои то яксола титри баланди антителаҳо ба қайд гирифта шуд, ки он ба 1:160 баробар мебошад.

Зимни тадқиқот аз даҳаи аввали моҳи апрели соли 2023 дар байни чорво хуруҷҳои аввалини пироплазмидозҳо пайдо шуданд ва то моҳи октябр идома ёфтанд. Аз 7 сар чорвои дар гурӯҳи 4-ум (назоратӣ) қарордошта, 6 сари он ба тейлериоз гирифтор шуданд, ки сироятёбии эритроситҳои хун дар ин муддат 8-12%-ро ташкил намуд. Ҳамаи чорвои ба тейлериоз гирифторшуда бо истифода аз маводи муосири зиддипротозойии дорои самаранокии баланд муолиҷа карда шуданд, аммо бемориро хеле вазнин сипарӣ намуданд. Ҳарорати умумии бадани чорвои гирифтори беморӣ аз 40,9 то 41,8°С-ро ташкил намуд. Давомнокии бемадории чорво аз пайдошавии нишонаҳои аввалини беморӣ то пурра барқароршавии ҳолати умумии чорво 10-12 шабонарӯзро ташкил намуд.

Чорвои дар гурӯҳҳои 1-ум, 2-юм ва 3-юм қарордошта, дар давоми гармии сол ва дар минтақаи нисбат ба тейлериоз номусоид қарордошта, ба беморӣ гирифтор нагаштанд. Ҳолатҳои каназании чорвои эмкардашуда ба қайд гирифта шуд, ки дар чунин мавридҳо андак баландшавии ҳарорати умумии бадан ва бемадории чорво, ки зуд сипаришаванда буд, мушоҳида гардид. Дар ин муддат ҳам канаҳои иксодӣ аз бадани чорвои эмкардашуда ва ҳам намунаҳои молишакҳои хуни канорӣ ҷамъоварӣ карда шуданд.

Аз 21 адад намунаҳои молишакҳои хуни канории чорвои эмкардашудаи дар гурӯҳҳои 1-ум, 2-юм ва 3-юм қарордошта, дар 16 адади онҳо тейлериҳо муайян карда шуд. Сироятёбии эритроситҳои хуни чорвои эмкардашуда 2-3 адад тейлерияҳоро дар 100 майдони биниши микроскоп ташкил намуд.

Хулоса ваксинаи зиддитейлериози штамми S_{15}-и ширкати дорусозии “Дорса Парс Тус”-и кишвари Эрон бо меъёри 1,0 мл ба зери пӯсти қисми се яки гардани чорвои калони шохдор бо дарназардошти риояи талаботи дар тавсияномаи

истифодабарии он овардашуда, самаранокии баландро соҳиб мебошад, ки он 100%-ро ташкил менамояд.

